**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.11.2025, протоколи №38 барои сазовор донистани Файзуллоев Фарҳод Раҷабович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.**

Диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.03- Назария ва методикаи фанҳои математикӣ (таҳсилоти касбӣ)) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024, таҳти №135/шд) 20- уми сентябри соли 2025 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзуллоев Фарҳод Раҷабович 23- юми январи соли 1992 дар деҳаи Ҷаврези ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муҳандис-барномасоз хатм кардааст.

Файзуллоев Фарҳод Раҷабович аз соли 2016 унвонҷӯйи кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, айни ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи мазкури донишгоҳи номбурда фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муқарризони расмӣ: Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҳабибуллозода Кароматулло Ҳабибулло** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба диссертатсияи Файзуллоев Ф.Р. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ н.и.п., и.в. дотсент Самариддинова З.Н., экспертон, н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика Муродализода Р.М. ва н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика Лоиқов П. ва котиби ҷаласа доктори фалсафа (PhD) Парвинаи Усмон омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 29- уми октябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар

маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)), сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 18 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки 15 адади он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 мақола ба нашр расонидааст.

1. Файзуллоев, Ф.Р., Комилов Ф.С., Рахмонов З.Ф., Тағоев Ш.Х. // Мультимедийно-педагогическая игровая технология - игра с учебно - познавательной направленностью в виртуальной образовательной среде // Известия таджикского отделения международной Академии наук высшей школы. – 2016. - №1. - С. 16-26.

2. Файзуллоев, Ф.Р., Комилов Ф.С., Тағоев Ш.Х. // Истифодаи технологияи бозиҳо дар шакли таълими проблемагаро ва таҳкими технологияҳои педагогӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. № 2. С. 296-305. ISSN:2074-1847.

3. Файзуллоев, Ф.Р. , Комилов Ф.С., Тағоев Ш.Х., Мирзоев Ҷ.Х., Шарапов Д.С. // Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - 2018. - №1-1(51). - С. 162-169. ISSN: 2663-5534.

4. Файзуллоев, Ф.Р., Комилов Ф.С., Шарапов Д.С., Тағоев Ш.Х., Мирзоев Ҷ.Х. // Ҷабҳаҳои омӯзишии фанни технологияи иттилоотӣ дар гузариши мактаб ба муносибатҳои босалоҳият ба таълим // Пайёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ. - 2018. № 1 (73). С. 23-31. ISSN:2219-5408.

**5.** Файзуллоев, Ф.Р., Ятимов А.Ҷ. // Зарурӣ будани истифодаи доимии технологияҳои муосири иттилоотӣ-графикӣ дар раванди таълим // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019. № 8. С. 281-284. ISSN: 2074-1847.

**6.** Файзуллоев, Ф.Р., Мирзоев Р.Р. Историко-педагогические предпосылки компетентносного подхода в профессиональном образовании // Вестник Таджикского национального университета.-2020. № 8. С. 217-222. ISSN: 2074-1847.

7. Файзуллоев, Ф.Р. Амсилаи ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгори ояндаи информатика – тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2024. 1/3 (125). С. 430-435. ISSN 2663-5534.

8. Файзуллоев, Ф.Р. Хусусиятҳои салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ, бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2025. № 2(24). С. 166-173. ISSN: 2708-5759.

9. Файзуллоев, Ф.Р. Имкониятҳои истифодаи технологияҳои итиилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккули салоҳияти методии омӯзгори информатика // «Номаи донишгоҳ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2025.№2(83). С. 138-144. ISSN 2077- 4990.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Файзуллоев Фарҳод Раҷабович ворид шудаанд:

1. Азимова Назира Самадовна – д.и.п, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. Каримов Алишер Ғашович - номзади илмҳои физика-математика, и.в. дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Қодиров Бахтиёр Розиқович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи

информатсионии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино». Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Давлатзода Раҳматулло Ҷурабек - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- таҳлили тамоюлҳои илмӣ ва мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот ва аниқ намудани мафҳумҳои асосии педагогӣ, психологӣ, методӣ, ки барои тавсифи салоҳияти таълимии хатмкунанда заруранд;
- муайян ва таҳлил намудани моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи фанни информатика дар асоси истифодаи ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот;
- таҳия намудани модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот;

- коркард кардани роҳҳои самараноки амалисозии модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот;

- ошкор намудани андешаи пешбаранда ва омилҳои асосии ба ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК;

- муқаррар намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО), ки ба ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот мусоидат мекунанд,;

- муайян намудани сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгори ояндаи информатика бо истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот;

- тавассути озмоиши педагогӣ методикаи коркард беҳтар гардида, амалан санҷида шуд, ҳамзамон таҳия намудани маслиҳатҳои методии амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он асоснок карда шудааст: технологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуда, сатҳҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккул, раванди мақбулавии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот мушаххас гардида, ҷузъҳои асосии он муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода гардидааст, ки имкони истифодаи хулоса ва тавсияҳои он ҷиҳати дар амалия омода намудани омӯзгорони ояндаи информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот буда, чунин муайян карда мешавад:

– татбиқи самараноки модели ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– давра ба давра ҷорӣ намудани ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

– омода намудани маҷмуаи маводи дидактикии роҳнамо оид ба ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

– таҳияи дастури таълимӣ-методӣ оид ба ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд: дар асоси дастовардҳои педагогика, психология, методика, аз ҷумла, маҷмуи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҳал, ки ба мақсад, масъалаҳо ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд; санҷиши таҷрибавии гипотезаҳо; истифодаи барномаи махсуси компютерӣ барои коркарди маълумотҳои омории таҷрибавӣ; таҳлили миқдорӣ ва сифатии маълумотҳои бадастовардашуда, таъмин карда мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани маҷмуи воситаҳои методӣ ва роҳҳои ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот; дар тарҳрезӣ, асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавии модел ва консепсияи ташаккули салоҳияти касбӣ-методии омӯзгори оянда информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот, ки маҷмуи усулҳо ва воситаҳои ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи педагогии мактабҳои олӣ; дар таҳлил ва муҳокимаи дурнамои таҳқиқот.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 29- уми ноябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Файзуллоев Фарҳод Раҷабович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**

“_29_”___11___ 2025
ҷ.м.